## ТАҚРИЗИ

**муассисаи муқарриз ба кори диссертатсионии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи “Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тархрезии либос” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000- Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Тавааҷҷӯҳ ба рушди гармоникии шахсиятии ҳар фард ва омодасозӣ ба ҳаёти зудтағйирёбанда дар шароити тараққии босуръати техника, илм ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият масъалаи ташаккули қобилияти эҷодиро ба мадди аввал мебарорад. Масъалаи тарбияи қобилият бошад дар илмҳои педагогикаю психология чун яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад. Аҳамияти иҷтимоиву педагогии ин масъала зарурати коркарди назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои гуногуни онро дар таълим ва рафти омӯзиши фанҳои мухталиф асоснок менамояд. Дар баробари ин, ба масъалаи ташаккули қобилияти эҷодии муҳассилини донишгоҳҳои олӣ дар раванди таълими тархрезии либос муҳаққиқон таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир накардаанд.

Аз ин лиҳоз мавзӯи таҳқиқотии докторант Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна актуалӣ буда, ба шакли муайян даровардани дониш, маҳорати бадеӣ ва малакаи таҷрибавӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ муҳим аст ва ба вазъияти маҷмӯи ташаккули ҳаматарафаи дизайнерони оянда мусоидат менамояд. Як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расонида шудааст, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғ. тасдиққунандаи фикрҳои баёнгардида аст.

Аз ин нуқтаи назар, фаъолият тағйирдиҳии эҷодии воқеияти атроф дар асоси захираи муайяни донишу маҳорат ва малакаҳои донишҷӯён мебошад.

“Тарҳрезии либос” - маҳорати дизайнерӣ, ҳамчунин дониши асосҳои назариявии нақшакашӣ, тарҳрезӣ ва ҳаҷмҳои антропологиро барои либос тақозо мекунад. Аз ҳамин сабаб курси мазкури барнома чун фанни таълимие баррасӣ гардидааст, ки он бояд дизайнери ояндаро аз лиҳози маънавӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ бой кунад.

Чӣ хеле, ки Ӯзбекова М.А. дар диссертатсияи худ қайд менамояд, вақтҳои охир барномаҳои таълимӣ дар донишгоҳҳо бо мундариҷаҳои нав ба нав пур шудаанд: хатмкунандагони донишгоҳҳо, аз ҷумла мутахассисони оянда дар соҳаи таррохӣ бояд ба ҳалли ваазифаҳои эҷодӣ ба таври ғайриоддӣ таваҷҷӯҳ кунанд ва ҷаҳонбинии мушаххасе барои тағйири бадеии ҷаҳони предметии атрофи онҳо равона карда шаванд.

Диссертатсияи Ӯзбекова М.А. муқаддима, тавсифи умумии кор, ду боб, шаш зербоб, бахши хулосаҳо, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, охирсухан, номгӯи адабиёт бо зербахшҳои феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва замимаро дар бар мегирад.

Аз тарафи Ӯзбекова М.А. дар муқаддима оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, масъалаи таҳқиқот сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ карда шуда, дар охир тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

Боби аввали диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии ташаккули қобилияти эҷодӣ» ном дорад, аз се зербоб иборат аст. Зербоби аввал: Таърихи пайдоиши эҷодиёт дар асарҳои мутафаккирони ҷаҳонӣ», зербоби дуюм: «Омилҳои психолого-педагогӣ ташаккули қобилияти эҷодии шахсият»; зербоби сеюм: «Имкониятҳои фанни “Тархрезии либос” барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён»-ро дар бар мегирад.

Тархрезӣ чун раванди эҷодӣ на танҳо донишҷӯёнро аз лиҳози ақлонӣ ташаккул медиҳад, балки дар оянда малакаҳои амалии дар машғулиятҳои ин фан ба даст оварда якҷоя бо шӯълаи эҷодиёт ба онҳо дар корбасти малакаҳо хоҳиши бо дасти худ ягон чизи нав сохтан ёрӣ мерасонанд. Аҳамияти калони асосҳои нақшаҳои тарроҳиро (конструксияи пойгоҳӣ), ки бояд ҳар як донишҷӯи ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ азхуд кунад, махсус қайд кардан лозим аст. Бидуни ин дар бораи тарҳрезии либос сухан рондан мураккаб аст, зеро яке аз марҳилаҳои тайёр кардани кори эҷодӣ эскиз ба шумор меравад, ки бо ёрии воситаҳои графикӣ иҷро шудааст ва донишу маҳорат ва малакаҳои эҷодиёти бадеиро пешбинӣ мекунад. Набудани онҳо ҳангоми тарҳрезии либос садди ҷиддии ташаккули қобилияти эҷодӣ мегардад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Мазмун ва таркиби фаъолияти касбии мутахассисони дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» маълумот оид ба озмоиш, тасаввурот, тахайюлот ва иқтидори эҷодӣ, озмоиши педагогӣ, амсила (модел), оварда шуда, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, сатҳи ташаккулёбии қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ кушода дода, мӯҳтавою методикаи кори таҷрибавию озмоишӣ тавсиф ва натиҷаҳои он баён карда шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат аст: зербоби аввал: «Шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён», зербоби дуюм: «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни тарҳрезии либос»; зербоби сеюм: «Натиҷаҳои озмоиши

педагогӣ оид ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ».

Ҳадафи асосии таҳқиқот ин муайян намудани дараҷаи дониш ва қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён, ошкор сохтани дараҷаи иқтидори эҷодӣ, тасаввурот ва тахайюлоти донишҷӯён, ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб кардан, ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ буда, инчунин дарёфти роҳ ва методҳо барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос буда, он масъалаҳое, ки дар пеш гузошта шуда буд, ба мақсад расид. Инчунин дар зербоби мазкур аз тарафи муаллиф амсилаи диссертатсия таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён» тартиб дода шуда, мувофиқи он корбарӣ шудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, тавассути 4 расм, 3 диаграмма ва 3 ҷадвал баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар хулосаи умумӣ муҳимтарин тавсияҳо баён гардидаанд:

1. Методикаи таҳияшудаи “Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос”, “Тарҳрезии либос” ва “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” барои татбиқ дар донишгоҳҳои Олии кишвар тавсия дода мешавад;
2. Мавзӯъҳои фанни нақшакашӣ пурра ба ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ нигаронида шавад;
3. Дар раванди омӯзиши мавзӯъҳои “Сохтанҳои геометрӣ”, “Маълумот дар бораи ҳамбасти равони ду давра. Ҳамбасти равони берунӣ ва дарунӣ” истифодаи ин хатҳо ҳангоми тарҳрезии либос нишон дода шавад;
4. Дар фанни нақшакашӣ мавзӯи “Пайдарпайии тасвир кардани худуди ҷузъҳои техникӣ бо истифодаи ҳамбасти равон” тарзҳои бо хатҳои ҳамбасти равон тарҳрезӣ намудани ҷузъҳои алоҳидаи либос фаҳмонида шавад;

5. Аз рӯи натиҷаи кори диссертатсионӣ, ки ҳам аҳамияти назаривӣ ва ҳам амалӣ доранд, омӯзиши фанни “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ зарур мебошад, омӯзонида шавад;
6. Барои донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ташкил намудани курсҳои махсуси “Тарроҳии либос бо дизайни муосир” зарурият дорад;
7. Таҳия намудани китобҳои дарсӣ аз фанни тарҳрезии либос бо забони тоҷикӣ барои донишгоҳҳои олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
8. Пурзӯр намудани пойгоҳи моддии ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагии донишгоҳҳои олӣ аҳамияти илмӣ-амалиро дорад;
9. Аз хулосаҳои бароварда, ҳангоми тадқиқоти илмӣ омӯзгорони муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ барои ташаккули қлбилияти эҷодии хонандагон дар раванди таълими фанҳои нақшакашӣ ва технология (таълими меҳнат) низ истифода баранд.

Ӯзбекова М.А. бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъхазҳои зарурӣ иқтибос овардааст.

Бояд зикр кард, ки автореферати Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва объекти таҳқиқот, мавзӯъ ва масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, инчунин пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаи он ва интишори

натиҷаҳои диссертатсияро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст. Автореферат бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, онро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мавриди таъкид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ӯзбекова М.А. арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, масъала, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи диссертатсия таҳти унвони «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» таҳқиқоти илмӣ ба охир расида ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000-Таълими касбӣ (6D012001.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Раиси ҷаласа мудири кафедраи дизайн,
нассоҷӣ ва индустрияи мӯд саромӯзгор Атоев Г.М.

Коршинос, н.и.х. дотсент, декани факултети
Муҳандисӣ ва технологияҳои муосири истеҳсолӣ
МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” Олимов Р.А.

Котиби ҷаласаи кафедраи дизайн,
нассоҷӣ ва индустрияи мӯд саромӯзгор
МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” Шарипова Ф.Р.

Имзои-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК МДТ “Донишгоҳи давлатии Данғара” Ҷабборӣ Н.

***Маълумот барои тамос:***
*Адрес: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон* ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
*Тел:.* Тел: 992 833122-28-06
e-mail: dddangara_2013@mail.ru